# Тақризи

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филология Саидмуроди Хоҷазод ба диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика вижагиҳои адабиёт ва ҳунарро дар худ ғунҷонида, қайду хотироти сафар, тасвири ҳодисаву воқеаҳо, одамони воқеӣ будани персонажҳо ва ба сифати қаҳрамони асар шинохта шудани муаллиф дар меҳвари он қарор дорад. Баҳсҳои илмӣ оид ба дар низоми жанрҳои публитсистика ба ҳайси жанри алоҳида шинохтани сафарнома то ҳол идома доранд, аз ин рӯ, мавзӯи мавриди назарро мавзӯи пажӯҳиши илмӣ қарор додани Бозорзода Нуриддин Шодипур бобати илман равшан намудани моҳияти масъала ва то ҷое нуқта гузоштан ба чунин баҳсҳо иқдоми нек, кори саривақтӣ ва амали хайр шуморидан мумкин аст. Тавре дар муқаддимаи рисола таъкид мегардад «вақти он расидааст, ки ин жанри куҳанбунёд мавқею манзалати худро дар байни жанрҳои фаъоли журналистика ишғол намояд, зеро пешрафти босуръати ҷомеа ва густариши муносиботи Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон барои боз ҳам фаъол гардидани сафарнома ҳамчун жанри публитсистика мусоидат намуд» (саҳ.4). Аз ин бармеояд, ки мавзӯи таҳқиқот ниҳоят актуалӣ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 12 фасл, хулоса, феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт иборат аст. Дар муқаддима муҳиммияти таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, манбаҳои асосии таҳқиқ, ҳадаф, предмет, вазифа, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии мавзӯъ равшану возеҳ баён гардидааст. Муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия дар баёни масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ифода шудаанд.

Боби аввал “Ҷанбаҳои назарии шинохти сафарнома” ном дошта, аз чор фасл “Андешаҳои муҳаққиқон дар бораи жанри сафарнома”,

“Хусусиятҳои жанрии сафарнома”, “Мавқеи муаллиф ва хатти ҳаракат дар сафарнома” ва “Навъҳои сафарнома” иборат аст. Дар фасли аввал андешаи олимону муҳаққиқони тоҷик дар бораи жанри сафарнома мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, диссертант онҳоро аз дидгоҳи методологӣ ба ду қисмат – назари муҳаққиқони адабиётшинос, ки бештар ба ҷанбаи адабиётшиносии масъала диққат мекунанд ва назари муҳаққиқони публитсистика, ки ба воқеият ва воқеиятнигорӣ такя мекунанд, гурӯҳбандӣ намудааст. Ҳангоми баррасии мавзӯъ хулосаи диссертант ин аст, ки “жанри сафарнома аз қадим вуҷуд дошт, воқеиятро инъикос мекард,маҳсули сафар буд ва ҳоло низ бори жанри мустақилро ба дӯш мебарад, ки ба ин ҳеҷ шакку шубҳа нест” (саҳ.33).Чунин хулоса дар асоси гирдоварии мавод, баррасии он ва натиҷагирии дидгоҳи олимон ба даст омада, ба назари мо, заминаи мантиқии илмӣ дорад.

Муаллиф дар фасли дуюм хусусиятҳои тарбиявиву маърифатии ин жанрро таъкид намуда, умумият ва махсусияти сафарномаро аз очерк бо мисолҳо нишон медиҳад. Масалан, ба назари диссертант, “очерк асарест, ки моҳияти онро инъикоси бадеиву публитсистии характерҳои типӣ дар ҳолати мушаххас ташкил медиҳад. Асоси сафарномаро бошад, ҳамон паҳлуҳои ҳодисоту воқеоти зиндагӣ, ки сафаркарда рӯ ба рӯ гардидаасту барои объекти баррасишаванда характернок медонад ва аз назари тарғибу ташвиқ муҳим мебошад, ташкил медиҳад” (саҳ. 43). Диссертант истифодаи истилоҳи “очерки сафарӣ”-ро ба ҷойи сафарнома ҳамчун “Сафарномаи очеркӣ” тавсия медиҳад. Рӯйкарди муаллиф оид ба ин масъала дар заминаи андешаҳои муҳаққиқ М.Маслова ҳосил шудааст, ки баҳсбарангез буда, ҷонибдорон ва мухолифони худро дорад.

Масъалаи меҳварии фасли сеюм ба нишон додани ҷойгоҳи муаллиф дар сафарнома, нақши хатти ҳаракати вай, интихоби мавзӯъ ва нафъ бахшидан ба ҷомеа марбут аст. Воқеан, хонанда бояд дар шахси муаллиф инсони манфиатдор, фозил ва фаъолро бинад. Дар ин фасл ба нақши муаллифи сафарнома таваҷҷуҳи бештар зоҳир шудааст, зеро маҳз

муаллиф метавонад тавассути маълумоти тоза, нақли дилчасп ва тасвирҳои ҷолиб фикру эҳсоси пешқадамро ба ҷомеа пешниҳод намояд. Чунин хусусиятҳои жанрии сафарнома дар дигар жанрҳои публитсистика имконнопазир аст ва жанри мазкур маҳз бо чунин вижагӣ аз лиҳози шаклу мазмун рангорангу бой мегардад.

“Рӯзномаи сафар”, “қайдҳои сафар”, “лавҳаи сафар” аз ҷиҳати шакл ба навъҳои сафарнома марбут буда, дар фасли сеюми боби аввали диссертатсия роҷеъ ба онҳо бо зикри мисолҳо маълумот дода шудааст. Роҷеъ ба таърифи ду истилоҳи муҳим- публитсистика ва журналистика назари муҳаққиқи тоҷик Иброҳим Усмонов ҳамчун асос ба инобат гирифта шудааст. Оид ба сафарномаҳои насрӣ ва назмӣ, бахусус сафарномаҳои назмии Низории Қаҳистонӣ ва Саъдулло Рабиӣ маълумоти навро дарёфтан мумкин аст.

“Омилҳои пайдоиш ва ташаккули сафарноманависӣ” боби дуюми рисола буда, дар фасли аввал “Заминаҳои пайдоиши сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик” ба риштаи пажӯҳиш кашида шудааст. Дар ин фасл муаллиф аз доираи афкори донишмандон И.Усмонов, А.Саъдуллоев ва М.Муродӣ берун нарафтааст. Дар фасли дуюм “Анъанаҳои сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ” доир ба сафарномаҳои “Мунтахаб-ул-таворих”- и Муҳаммад Ҳакимхон, “Наводир-ул-вақоеъ”- и Аҳмади Дониш, “Рӯзномаи сафари Искандаркӯл”- и Абдураҳмони Мустаҷир, “Туҳафи аҳли Бухоро”- и Мирзо Сироҷи Ҳаким, “Таърихи Ҳумоюн”- и Гулшании Бухороӣ маълумоти фишурда фароҳам омадааст. Хусусият, аҳамият, сохту таркиб, сабки нигориш ва сужаи асарҳои мазкур мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, ба ин васила мухтавои диссертатсия бо фактҳои тоза ғанӣ мегардад. Бавижа, маълумоти мукаммал дар бораи “Рӯзномаи сафари Искандаркӯл”- и Абдураҳмони Мустаҷир қобили тазаккур аст, зеро он дорои маълумоти фарогир буда, собит намудани арзиши илмӣ, адабӣ ва тарғиботии он аҳамияти бузурги илмиву таърихӣ дорад.

Агар бобҳои якуму дуюм ҷанбаҳои назариву таърихи пайдоиши сафарномаҳоро дарбар гиранд, боби сеюми рисола ба давраи нави ташаккули ин жанр иртибот дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал "Воқеияти Тоҷикистон ва инъикоси он дар сафарномаҳои матбуотӣ" бар мабнои маводи маҷаллаи "Садои Шарқ" ба силки таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф сафарномаҳои маҷалларо аз рӯйи хусусият ва муҳтаво ба ду гурӯҳ-сафарномаҳое, ки адибон ва рӯзноманигорони ҷумҳурӣ аз ҳаёти кишвар нигоштаанд ва сафарномаҳое, ки сайёҳони русу хориҷӣ  аз диду боздиди худ аз Тоҷикистон таълиф намудаанд, гурӯҳбандӣ мекунад. Сафарномаҳои гурӯҳи аввал "Тақдири дашт"- и Ю.Акобиров, "Ёвон шодоб мешавад"- и Б.Шоҳин, "Дастони босаховат"- и Ҳ.Содиқ аз ҳаёти кишоварзон, деҳқонон нақл мекунанд ва мавзӯи марказии онҳо обод намудани заминҳои бекорхобида, бунёди нақбҳо, таъмини аҳолӣ бо бо, бунёди НОБ- ҳо аст. Маводи Семён Шмёркин "Мулоқот бо пахтакорон", адибаи Полша Янина Дзярновская "Хеле дур аз Варшава", рӯзноманигорони ҳамин кишвар Гражина ва Анҷей Милошҳо "Табассуми бефаранҷӣ", Парвиз Хонларӣ "Аз шаҳри Ҳофиз то диёр Рӯдакӣ"-ро ба гурӯҳи дуюм дохил намуда, лаҳзаҳои самимӣ ва характерноки онҳо тавзеҳу тадқиқ шудаанд. Дар фасли дуюм мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо таҳлилу баррасӣ шудаанд. Бояд таъкид намуд, ки боби мазкурро аз лиҳози гирдоварии мавод, таҳлилу баррасии он яке аз бобҳои умдаи рисола шуморидан мумкин аст. Хулосаи боб низ ҷанбаи қавии илмӣ дорад.

Боби чорум "Таҳаввулоти сафарнома дар матбуоти замони истиқлол", ки аз ду фасл ва 35 саҳифа иборат аст, бештар хислати публитсистӣ касб кардааст. Муҳимтарин нукта он аст, ки мавзӯҳои ин боб бори аввал мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор мегиранд. Сафарномаи "Сафари Тоҷикистон"- и адиби Эрон Гарморӯдӣ, ки ба вазъи иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистон ба сифати адиби хориҷа  ибрози назар кардааст, хеле ҷолиб ва омӯзанда аст.  Дар ин боб иқтибосҳо тӯл кашидаанд,

мавод зиёд, аммо таҳлили илмӣ заифтар ба назар мерасад. Хулосаи фаслҳо низ ба тақвияти ҷанбаи илмӣ ниёз доранд.

Диссертант дар боби панҷум, ки “Маҳорати нигоранда ва сабку услуби сафарнома” унвон гирифтааст, зимни омӯзишу мутолиаи сафарномаҳо ба чунин хулоса расидааст, ки дар эҷоди сафарнома маҳорати адибону публитсистони соҳибқаламу ботаҷриба аз рӯзноманигорони навқаламу камтаҷриба фарқ мекунад. Нигоранда ҳар қадар донишманд, дунёдида, соҳибмаҳорат бошад, асари офаридааш, хусусан сафарномааш  пурмазмуну пуробуранг ва дилпазиру хотирмон мешавад. Дар боби мазкур сафарномаҳои адибону публитсистони тоҷик бо сафарномаҳои матбуоти даврӣ муқоиса гардидаанд. Мутобиқи хулосаи диссертант, сафарномаҳои гурӯҳи аввал “аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, маҳорати нигорандагӣ, банду баст, тасвири воқеии ҳодисаву воқеа, истифодаи бомавқеи унсурҳои бадеӣ хеле дилчасп ва хотирмонанд. Рангорангӣ аз маҳорати баланди нигорандагон ва адибон сарчашма мегирад....Сафарномаҳои матбуоти даврӣ хусусияти иттилоъравонӣ ва тасвирию нақлӣ касб кардаанд. Тақозои матбуоти даврӣ, махсусан нашрияҳо ҳам муъҷазбаёнӣ, содаву фаҳмо гуфтан ва нақлу тасвири оммафаҳм аст” (саҳ.242-243). Диссертант ба таъкид ва назари олими тоҷик И.Усмонов дар мавриди он ки “публитсистика адабиёт нест” назари худро иброз дошта, фикрашро ба он асоснок менамояд, ки “ин гуфтаҳоро ба жанрҳои иттилоотӣ ва таҳлилии журналистика татбиқ кардан мумкин аст, аммо дар жанрҳои публитсистӣ – бадеӣ “аз моли адабиёт” истифода бурдан бадӣ надорад, ба шарте ки хусусиятҳои жанрии жанрҳои публитсистика ба инобат гирифта шавад” (саҳ.243). Мо ба хулосаи мантиқии муаллиф комилан розӣ ҳастем, зеро публитсистика адабиёт набошад ҳам ҷузъи ҷузъи муҳимтарини адабиёт ба шумор меояд.  Дар ин боб мавқеи муаллиф дар баррасӣ, проблемагузорӣ ва натиҷагирии масъалаҳои мавриди назар ба таври равшан ва боҷуръат намоён мешавад. Муқоиса  ва натиҷагирӣ

карда тавонистан, дар радифи олимони варзидаи соҳа сухан гуфтану мавқеи худро баён намудан аз дониши мукаммали рисоланавис гувоҳӣ медиҳад. Истифодаи методҳои муқоиса, омор, мушоҳида ҷанбаи илмии боби мазкурро тақвият бахшидаанд.

Дар хотима диссертант хулосаҳои умумии корро дар 20 пункт пешниҳод намудааст.

Новобаста ба ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки онҳоро ба шакли фишурда зикр менамоем:

1. Номи рисолаи илмӣ бояд проблема дошта бошад, ба назари мо, ба ҷойи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика» (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия) метавон унвони онро ба гунаи «Махсусияти сафарнома ҳамчун жанри публитсистика» (таърих, ташаккул ва дурнамо) истифода бурд. Ин аз як тараф, ба ҷанбаи илмии рисола далолат менамояд, аз ҷониби дигар, мақсад ва ҳадафи онро комилан возеҳ мекунад.

2. Муҳиммияти таҳқиқ тӯл кашидааст, дар он проблемагузорӣ ҷоиз нест, балки ба таври мушаххас ба суоли «чаро мавзӯи таҳқиқ муҳим аст?» бояд посух дод (саҳ.4-6).

3. Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ низ хеле давомдор шудааст (аз саҳ. 6 то 12). Ба назари инҷониб, бояд дар ин бахш оид ба масъалаи мавриди назар киҳо чиҳо таълиф намудаанд ва ҳадафи рисола пажӯҳиши кадом қисмати норавшани масъала аст, бештар мудохила шавад. Нишон додани мақолаҳои муаллифи рисола аз рӯйи этикаи касбӣ нест (саҳ.12).

4. Дар муқаддима предмети омӯзиш ба объекти таҳқиқ махлут шудааст, методология мавҷуд аст, вале методи таҳқиқ вуҷуд надорад (саҳ.15).

5. Масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ бозбинӣ мехоҳанд (саҳ.17-18).

6. Фасли 4- и боби якум «Навъҳои сафарнома» хислати тавзеҳӣ касб намудааст, бахусус сафарномаҳои назмии Саъдулло Рабий «Москва» ва

Маҳмадалишоҳ Ҳайаршоҳ «Бачаҳои Масква» наќлу тавзеҳ мешаванд, қиёс ва натиҷагирӣ нест, аз ин рӯ, ҷанбаи илмии ин фасл заиф аст. Агар достони «Москва» бо «Қиссаи Ҳиндустон» муқоиса мегардид, тафовут ва ҳамбастагии онҳо ба таври мушаххас нишон дода мешуд, ҷанбаи илмии фасли мазкур ғанитар мегардид (саҳ.83-93).

7. Хулоса надоштани бобҳои якум (саҳ.101) ва чоруми рисола (саҳ.260) ба мушоҳида расид.

8. Ба назари мо, дар замони истиқлол дар нигориши сафарнома таҳаввулоти мавзӯӣ ва жанрӣ ба вуҷуд омад. Сафарномаҳои насли нав, амсоли «Афғонистон: оташ дар хонаи ҳамсоя» - Ҳусейн Назрулло, «Раҳовард» - и Саидмуроди Хоҷазод ва «Аз Душанбе то Бухоро» - и Ҳамза Боқизода ва ғ.-ҳо аз лиҳози сабку услуб, тарзи нигориш ва махсусияти жанрӣ ба мавзӯи мавриди пажӯҳиш наздикӣ доранд. Аммо мутаассифона, аз назари таҳқиқи диссертант дур мондаанд, ҳол он ки истифодаи онҳо барои равшан намудани хусусиятҳои сафарномаҳои насли нав ёрмандӣ менамуд.

9. Хулосаи умумии рисола дар 20 пункт дарҷ шудааст, аммо баъеи онро наметавон хулоса номид, беҳтар аст ихтисор гарданд, амсоли пунктҳои 2,4,6,12 ва13.

10. Пунктҳои 8, 11 ва 20 хислати тавзеҳӣ доранд, онҳро бояд дар қолаби хулоса ва шакли тезис навишт.

11. Ба фикри мо, дар хулосаи умумии рисола зикри иборахое чун «зимни баррасӣ ба чунин натиҷа расидем», «мутобиқи хулосаи мо», «пажӯҳиш моро ба чунин хулоса овард», «аз натиҷаи тадқиқ метавон чунин хулоса баровард, ки» ва ғ. шарт ва зарур аст. Ба диссертант тавсия мешавад, ки зимни таълифи монография эроди мазкурро ба инобат бигирад, зеро маҳз истифодаи чунин ибораҳо аз илмимеҳвар будани пажӯҳиш гувоҳӣ медиҳад.

12. Дар диссертатсия хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тавр, ба назари мо, камбудиву пешниҳодоти зикршуда ҷузъӣ буда, қимати илмии диссертатсияро кам намекунанд. Муҳим он аст, ки мавзӯъ нав аст, бори аввал мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор мегирад. Фикрҳои диссертант бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, бойгониву илмӣ ва захираҳои интернетӣ асоснок шудаанд ва рисоланавис аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дарпешгузошта баромадааст. Кор аз унсурҳои илмии масъалагузорӣ, нишон додани роҳҳои ҳалли проблема ва хулосабарорӣ ташаккул ёфтааст.

Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назарию амалии худ ба талаботи КОА- и назди Президенти Тоҷикистон пурра ҷавогӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - журналистика мебошад.

Муқарриз:
Мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои филология, профессор С. Хоҷазод

Нишонии муассиса: 734003
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: 992(+327) 227 76 57

Нишонии саҳифаи расмӣ:
Saidmurod70@mail.ru
Тел.: (+992)93 855 5299

Имзои д.и.фил., профессор
Саидмуроди Хоҷазодро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Д. Назаров

1.02.2021